**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
# ҚАРОР
**Правительство Республики Таджикистан**
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 12 майи соли 2010 № 257

ш. Душанбе

Дар бораи чораҳои аввалиндараҷаи рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо мақсади рафъи саривақтии оқибатҳои офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи боронҳои пайдарпай моҳҳои апрел-майи соли ҷорӣ рух доданд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Хатлон ва Суғд дар муддати 10 рӯз маблағи умумии зарари дар натиҷаи офатҳои табиӣ расонидашуда, рӯйхати аниқгардидаи зарардидагон, эҳтиёҷоти онҳо ба таъмир ва барқарорсозии хонаҳои истиқоматӣ, зарурати кӯчонидани аҳолии зарардида ба мавзеъҳои нав ва сохтмони манзил, эҳтиёҷот ба маводи сохтмонро муайян карда, ба Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавкулодда пешниҳод манзур доранд.

2) Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии мавзеъҳои зарардида оид ба имконоти барқарорсозии манзилҳо дар маҳалҳои осебдида хулоса пешниҳод намоянд.

3) Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҷудо намудани замин ҷиҳати сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои оилаҳои зарардида дар мавзеи нави барои зист бехавф ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

4) Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб оид ба реконструксия ва барқарорсозии сойи Тебалай, бо дарназардошти кӯчонидани аҳолии назди сой, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол доранд.

5) Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб аҳолии минтақаи зарардидаро бо оби ошомиданӣ таъмин кунанд.

6) Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо дар муддати се моҳ ташхиси ҳолати воқеии садҳо ва дигар иншооти муҳофизатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, дар хусуси барқарорсозӣ, нигоҳдорӣ ва ҳифзи онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур доранд.

7) Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳали офати табиӣ навбатдории шабонарӯзии кормандони тиб, сари вақт расонидани доруворӣ, эмазаргузаронии аҳолӣ ва мавзеъҳоро бо мақсади роҳ надодан ба паҳншавии бемориҳои сирояткунанда созмон диҳанд.

8) Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарорсозии пулҳо ва роҳҳои вайронгаштаи мавзеъҳои зарардидаро дар мӯҳлати се моҳ таъмин созад.

9) Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» барқарорсозии хатҳои интиқоли барқ, таъмини мавзеи зисти муваққатӣ ва маҳали барқароршавандаро бо барқ таъмин намояд.

10) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти кӯмакҳои моддӣ ва молиявӣ барои зарардидагон бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ намоянд.

11) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба расонидани кӯмаки якдафъаинаи молиявӣ ва додани қарзҳои имтиёзнок ба зарардидагон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намояд.

12) Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб мавзеи зарардидаро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати роҳ надодан ба сохтмони худсарона ва бе лоиҳа чораҳои зарурӣ андешанд.

13) Бонки давлатии амонаттузории «Амонатбонк» суратҳисоби махсус барои гузаронидани маблағҳои молиявӣ ба зарардидагон бо асъори миллӣ ва хориҷиро кушояд.

14) Ширкати давлатии суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷиксуғурта» ба аҳолии аз офати табиӣ зарардида новобаста аз

Дархкор № ВУРД 279-у 13.05.2010
Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷ. Тоҷикистон

мавчуд будани шартномаи сугуртаи молу мулк кӯмаки сариватӣ расонад.

15) Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воситаҳои ахбори омма корҳои бартарафкунии оқибатҳои офати табиӣ ва ба осебдидагон расонидани кӯмакро дар расонаҳо инъикос намоянд.

16) Ҳамоҳангсози фаъолияти вазорату идораҳо оид ба рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродалӣ Алимардон вогузор карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 12 мая 2010 года № 257

ш. Душанбе

О первоочередных мерах по устранению последствий стихийных бедствий в Республике Таджикистан

В соответствии со статьей 13 Конституционного закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» и с целью своевременного устранения последствий стихийных бедствий в Республике Таджикистан, возникших в результате беспрерывных дождей апреля- мая месяцев текущего года, Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т :

1) Министерству экономического развития и торговли Республики Таджикистан, Комитету по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, исполнительным органам государственной власти Хатлонской и Согдийской областей в течении 10 дней определить общую сумму ущерба, нанесенную в результате стихийных бедствий, уточненный список пострадавших, их потребность в ремонте и восстановлении жилых домов, необходимость переселения пострадавшего населения на новые места и строительство домов, необходимость в строительных материалах и представить в Государственную комиссию Правительства Республики Таджикистан по чрезвычайным ситуациям.

2) Агентству по строительству и архитектуре при Правительстве Республики Таджикистан совместно с местными исполнительными органами государственной власти пострадавших мест представить заключение о возможности восстановления домов в пострадавших районах.

3) Государственному комитету по землеустройству и геодезии Республики Таджикистан, Агентству по строительству и архитектуре при Правительстве Республики Таджикистан совместно с Главным управлением геологии при Правительстве Республики Таджикистан и исполнительным органом государственной власти Хатлонской области в установленном порядке представить в Правительство Республики Таджикистан проект постановления Правительства Республики

Таджикистан о выделении земли для строительства жилых домов для пострадавших семей в новой местности, безопасном для проживания.

4) Министерству мелиорации и водного хозяйства Республики Таджикистан совместно с исполнительным органом государственной власти города Куляба представить предложения в Правительство Республики Таджикистан о реконструкции и восстановлении сая Теболяй с учётом переселения населения, проживающих вблизи сая.

5) Министерству мелиорации и водного хозяйства Республики Таджикистан, Государственному унитарному предприятие «Хочагии манзилию коммунали» совместно с исполнительным органом государственной власти города Куляба решить вопрос по обеспечению населения пострадавшей зоны чистой питьевой водой.

6) Министерству мелиорации и водного хозяйства Республики Таджикистан, Комитету по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Агентству по строительству и архитектуре при Правительстве Республики Таджикистан, исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов в течении трёх месяцев определить реальное состояние плотин и других противоселевых сооружений в Республике Таджикистан и представить предложения Правительству Республики Таджикистан об их восстановлении, содержании и защите.

7) Министерству здравоохранения Республики Таджикистан на местах стихийного бедствия организовать круглосуточное дежурство медицинских работников, своевременную доставку медикаментов, осмотр населения и местностей с целью предотвращения и распространения инфекционных болезней.

8) Министерству транспорта и коммуникаций Республики Таджикистан в течении трёх месяцев обеспечить восстановление разрушенных мостов и дорог в пострадавших районах.

9) ОАХК «Барки Точик» решить вопрос восстановления линий электропередачи и обеспечить места временного проживания и восстановленных районов электроэнергией.

10) Министерству иностранных дел Республики Таджикистан и Комитету по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан наладить сотрудничество с международными организациями с целью привлечения материальной и финансовой помощи для пострадавших.

11) Министерству финансов Республики Таджикистан представить предложения Правительству Республики Таджикистан о выделении одноразовой финансовой помощи и предоставлении льготных кредитов пострадавшим.

12) Агентству по строительству и архитектуре при Правительстве Республики Таджикистан, Государственному комитету по землеустройству и геодезии Республики Таджикистан и исполнительному органу государственной власти города Куляба провести обследование пострадавших районов и принять необходимые меры для предотвращения самовольных и непроектных строительств.

13) Государственному сберегательному банку «Амонатбонк» открыть специальный расчетный счет в национальной и иностранной валюте для перевода финансовых средств пострадавшим.

14) Государственной страховой компании Республики Таджикистан «Точиксугурта» оказать своевременную помощь населению, пострадавшему от стихийных бедствий, независимо от наличия страхового договора.

15) Комитету по телевидению и радио при Правительстве Республики Таджикистан, средствам массовой информации отражать работы по устранению последствий стихийных бедствий и оказания помощи пострадавшим в печати.

16) Координатором деятельности министерств и ведомств по устранению последствий стихийных бедствий определить Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, и контроль за выполнением настоящего постановления возложить на заместителя Премьер- министра Республики Таджикистан Муродали Алимардона.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

ШУЪБАИ УМУМИ

Эмомали Рахмон